# Тақризи

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Султонзода Соқӣ Аслон ба диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2021. – 152 саҳ.**

Диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, мавзӯи муҳиму актуалӣ буда, ҳалли масъалаҳои дар он дарҷгардида дорои аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мегардад, ки диссертант асосан 3 хосияти асосии материя: ҳаракат, фазо ва вақтро дар таълимоти Ибни Сино дар муқоиса бо таълимоти Арасту ва дигар мутафаккирон ва ҳамчунин таҳқиқоти олимону муҳаққиқони муосири ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиши илмӣ-фалсафӣ қарор медиҳад. Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои болозикр категорияҳои оромию нестӣ низ аз мадди назари муҳаққиқ дур намондаанд.

Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқоташро ҳамчунин дар асоси афкори натурфалсафии Ибни Сино, ки ҳанӯз эҳтиёҷ ба шарҳу тавзеҳоти иловагӣ дошта, таҳлили он саҳми мутафаккирони ҷаҳониро дар фаҳмиши моҳияти ҳастии олам, табиат ва инсон ошкор месозад, асоснок карда, аз тарафи дигар, бо мақоми волои фалсафа ҳамчун майдони муборизаҳои ғоявӣ ва табодули афкори халқҳои гуногуни олам аз наздик шинос гардидааст.

Назар ба қавли диссертант масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт таваҷҷуҳи инсониятро аз давраҳои қадимтарини таърихӣ ба худ ҷалб намуда, дар ҳама

даврахо бо тарзу роххои гуногун таҳлилу баррасӣ гардидааст, аммо таълимоти пешиниён дар бораи ҳаракат, фазо ва вақт бояд дар партави комёбиҳои илми муосир баррасӣ ва тавсиф дода шаванд.

Дигар нуктае, ки диссертант ба воситаи он муҳиммияти мавзӯи омӯзишашро далелнок менамояд, ин омӯзиши пайвастаи осори безаволи мутафаккироне чун Афлотуну Арасту ва Ибни Сино буда, илми ҷаҳонӣ дар атрофи масъалаҳои мавриди баҳси онҳо ташаккулу такомул меёбад. Осори онҳо ҳамчун манбаи муҳимми афкори амиқи фалсафӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии мутафаккирон ва муҳаққиқони муосир саҳми баҳснопазир бозидаву ҳоло ҳам бозида истодаанд.

Далели дигари диссертант дар асоснок кардани мавзӯи омӯзиши диссертатсия он аст, ки ба назари вай фалсафа ва ба хусус физикаи Арасту асоси илми аврупоӣ ва илми муосирро ташкил дода, дар заминаи таълимоти Афлотуну Арасту калом ва гуманизми давраи Эҳё тавлид ёфтаанд. Вале дар ин росто, диссертант фаромӯш кардааст, то нақши Ибни Сино ва дигар мутафаккирони тоҷикро дар шиносонидани таълимоти Афлотуну Арасту ва дигар мутафаккирони Юнони Қадим ба аврупоиёни давраи Эҳё нишон диҳад. Зимнан таъкид бояд кард, ки агар таълимоти Ибни Синою Абӯнасри Форобӣ, Абубакри Розию Муҳаммад Ғазолӣ ва чанд тани дигар дар асрҳои XII-XIV ба забони лотинӣ тарҷума шуда, ба аврупоиён таълимоти фаромӯшгаштаи мутафаккирони Юнони Қадимро намешиносонд, шояд Эҳёи Аврупо низ ба амал намеомад. Бинобар ин, ба иддаои диссертант таълимоти Арасту давра ба давра таъсири худро ба рушди афкори илмӣ расонида, мутафаккирони давраи Нав, аз қабили Лейбнитс, Нютон, Декарт, Локк, Бэкон ва дигарон аз ҳар ҷиҳат ба таълимоту мафҳумҳои арастуӣ муроҷиат карда, барои рушди илму фалсафа аз осори вай баҳра бардоштаанд.

Барои ҳамин ҳам, диссертант аҳамияти осори Арасту ва Ибни Синоро, ки пайрави бевоситаи Арасту буд, дар таърихи илм ва махсусан аҳамияти китобҳои “Физика”-и онҳоро дар таърихи фалсафа ва таърихи илм, баҳо додан ниҳоят кори мураккаб, вале судманд мешуморад.

Ҳамчунин диссертант бо таассуф қайд менамояд, ки таҳқиқот оид ба “Физика”-ҳои Арасту ва Ибни Сино ҳанӯз ниҳоят кам ба назар мерасанд. Муҳаққиқ сабаби ба онҳо камтар таваҷҷуҳ додани муҳаққиқонро дар он мебинад, ки шояд асарҳои Ибни Сино бештар ба забони арабӣ таълиф шуда, замони тӯлоние мавриди истифодаи муҳаққиқони муосири тоҷик қарор надоштанд, аз ин рӯ, дарк ва фаҳмиши забони онҳо мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меовард. Ба назари диссертант айни замон чунин мушкилӣ бартараф карда шудааст, зеро хизмати таърихие, ки “Маркази синошиносӣ”-и Институти фалсафа дар тӯли се даҳсолаи охир дар самти тарҷума ва нашри осори Ибни Сино бо забони тоҷикӣ ва баргардонидани он бо ҳуруфи кириликӣ кардааст, дар ҳақиқат ҳам шоён ва сазовори таҳсину офаринҳост. Бинобар ин, диссертант бовар дорад, ки омӯзиши ҷиддии осори Ибни Сино акнун оғоз меёбад.

Дар қисмати сатҳи омӯхта шудани мавзӯъ диссертант хеле муфассал таҳқиқоти анҷомдодаи олимону муҳаққиқони ватанию хориҷиро дар алоҳидагӣ баррасӣ карда, аз бурду бохти онҳо ҳарф задааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти** диссертатсия аз таҳлилу баррасии масоили ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино иборат аст. Муаллиф барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён мегузорад, ки чунинанд: **таҳлил** намудани масоили ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти Ибни Сино дар асоси осори худи мутафаккир ва таҳқиқотҳои мутафаккирони ватанию хориҷӣ; **муайян** намудани моҳияти андешаҳои Ибни Сино доир ба фалсафаи табиат; **ошкор** намудани заминаҳои ташаккули

афкори натурфалсафии Ибни Сино, махсусан таъсири таълмоти Арасту ба он; **таҳлили** категорияҳои материя, ҳаракат, оромӣ, фазо, хало, вақт дар таълимотҳои фалсафии Арасту ва Ибни Сино.

**Навгонии илмӣ** дар диссертатсия пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино бори аввал ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти махсуси илмӣ баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Аз навгониҳои таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст, махсусан нуктаҳои зерин ҷолиби диққатанд:

- Пеш аз ҳама дар диссертатсия бори аввал кӯшиш барои омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар афкор ва осори Ибни Сино ва умумияту фарқияти таълимоти ӯ бо дигар намояндагони мактаби машшоъ (махсусан Арасту) дар доираи тадқиқоти махсуси илмӣ ба роҳ монда шудааст;

- Маҷмӯи матнҳои Арасту ва Ибни Сино дар робита бо мафҳумҳои умумии имконият, ҳаракат, табиат ва ғ. мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

- Таърихи омӯзиши проблемаҳои ҳаракат, фазо ва вақт қариб дар тамоми китобҳои асосии фалсафии Ибни Сино муфассалан равшан карда шудааст;

- Шарҳу тавзеҳоти басанда ба истилоҳоти марказии мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҳаммонандӣ ва тафоввутҳои байни андешаҳои мутафаккирон оид ба ҳар проблема ба таври алоҳида нишон дода шудааст;

- Мавқеи Ибни Сино дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти марказии баҳс: ҳаракат, оромӣ, холигӣ, фазо ва вақт мушаххас гардонида шудааст.

Дар қисмати **нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд,** диссертант матлаби асосии таҳқиқоти худро дар 6 пункт пешкаш гардонидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи табиат метавонанд ҳамчун замина хизмат кунанд;

омӯзиши афкори Ибни Сино дар бораи ҳаракат, фазо ва вақт ба сифати мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ бори аввал интихоб шуда, масъалаи ҳаракат, оромӣ, хало, фазо ва вақт ҳамчун меҳвари баҳсу мунозираҳои ғоявии мутафаккирони чӣ асримиёнагӣ ва чӣ муосири тоҷик муфассал тадқиқ гардидааст; ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳоро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи табиат, таърихи фалсафа, онтология ва назарияи маърифат, таърихи диалектика истифода намуд; Натиҷаҳои тадқиқотро ҳамчунин метавон дар гузаронидани курсҳои лексионӣ ва семинарӣ, курсҳои махсус таърихи фалсафаи классикии шарқӣ, муколамаи Шарқ ва Ғарб истифода бурд.

**Сохтори диссертатисия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 152 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия **«Дараҷаи омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти Арасту ва Ибни Сино»** номгузорӣ шуда, дар он ҷатҳи омӯзиши маъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум **"Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи табиии Арасту"** диссертант дар асоси осори худи мутуфаккир, махсусан асари «Физика» ва «Метафизика», ҳамчунин таҳқиқоти муҳаққиқони дигар таҳлилу баррасиҳо анҷом додааст. Диссертант дар зербоб таносуби ҳаракат, фазо ва вақтро аз назари Арасту баррасӣ карда, шаш навъи ҳаракатро нишон медиҳад. Дар баробари ҳаракат ва навъҳои он оромиро низ дар муқобили ҳаракат ишора менамояд. Ба навиштаи диссертант ҳаракат ба фикри Арасту на танҳо интиқоли фазоӣ, балки ҳамагуна тағйирёбӣ ва табдилшавиеро мефаҳмид, ки дар ашё ба вуҷуд меоянд (с. 19). Дар ин зербоб диссертант масъалаи фазою вақт ва робитаи онҳоро низ баррасӣ намуда, мутаноҳӣ ва

номутанохии онҳоро аз нигоҳи Арасту ва то андозае Ибни Сино омӯхтааст. Диссертант тавонистааст аз ҳамдигар вобаста будани ҳаракат ва макону замонро дар таълимоти Арасту нишон диҳад.

Зербоби дуюми диссертатсия мавзӯи **“Масъалаи омӯзиши ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино”**-ро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин зербоб, аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи фалсафаи табиат истифода мешавад, махсусан аз усули таърихӣ ва таҳлили фалсафаи табиат истифода бурдааст. Дар доираи ин усул доираи баҳси фалсафаи табиат, масъалаҳои ҳаракат, фазо ва вақт дар бахшҳои "Табииёт"-и осори Ибни Сино, сарчашмаҳои пайдоиши афкори фалсафаи табиӣ, дар самти ташаккули фалсафаи табиат омӯхта мешавад. Диссертант ин зербобро асосан дар заминаи таҳқиқоти олимони синошиносе чун А.М. Баҳоваддинов, М. Диноршоев, М. Мутаҳҳарӣ анҷом дода, исбот менамояд, ки Ибни Сино назару андешаҳои Арасту ва дигар мутафаккирони юнониро на ин ки ривоҷ додааст, балки дар бисёр ҳолат инкор низ кардааст (с. 34).

Боби дуюми рисола **“Таълимоти Ибни Сино оиди ҳаракат, фазо ва вақт”** номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм – **“Ҳаракат дар таълимоти Ибни Сино”** қайд карда мешавад, ки андешаҳои Ибни Сино оиди фаҳмиши фалсафии ҳаракат дар асоси баёни мафҳумҳои ишкишоф, ҷунбиш, тағйирёбӣ, оромӣ, Воҷиб-ул-вуҷуд ва ғ. мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф асосан чор намуди ҳаракатро дар таълимоти Ибни Сино нишон додааст: ҳаракати камӣ, ҳаракати кайфӣ, ҳаракати айнаӣ ё маконӣ ва ҳаракати вазъӣ, ки ин навъи ҳаракатро Арасту намедонад. Диссертант ҳамчунин муътақид аст, ки ба назари Ибни Сино ҳаракат дар араз ба амал омада, дар ҷавҳар вуҷуд надорад, бинобар ин ҳаракатро мутафаккир хосияти зотии араз мешуморад (с. 44, 56). Диссертант баста будани ҳаракатро ба 6 амр аз назари Ибни Сино хеле мушикофона нишон додааст. Дар хулосаҳои зербоб диссертант ҳаракатро аз назари Ибни

Сино аз қувва ба феъл гузаштан шуморида, масъалаҳои азалияту абадияти онро низ ёдрас намудааст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **“Масъалаи фазо дар фалсафаи Ибни Сино”** номгузорӣ шудааст. Муаллиф дар ин зербоб масъалаи фазоро дар фалсафаи Ибни Сино баррасӣ намуда, дар асоси осори фалсафии Ибни Сино, махсусан “Шифо”, “Начот” ва “Донишнома” таҳлили масъалаи мазкурро ба роҳ мондааст. Ба гуфтаи диссертант Ибни Сино фазоро дар интиқол матраҳ менамояд, ки он табдили дурӣ ва наздикӣ аст. Ҳар як интиқол чизи интиқолёфта (ҷисм ё сатҳу хат фарқе надорад) бояд 1) фазои худро дошта бошад 2) фазо мусовии ӯ бошад, зеро ғайри ӯ бо ӯ дар он фазо (макон) нағунҷад. Макони нуқта нуқта хоҳад буд. Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки Сино дар ин мавзӯъ бештар пайгири Арасту буда, дар раванди таҳлили ин мавзӯъ норасоӣ ва камбудии Арастуро пурра мегардонад, ки дар рисола ба таври муфассал нишон дода шудааст. Диссертант масъалаи фазоро баррасӣ карда менависад, ки ба қавли Ибни Сино фазо ҷисм нест, балки маконест барои ҷисм (с. 84, 95) ва на ҳаюлою на сурат буда, сарфи назар аз ҷисм вуҷуд дорад (с.103). Дар ин зербоб диссертант хулосаҳои таҳлилии хеле ҷиддӣ баровардааст, ки метавон мағзу моҳияти рисолаи диссертатсионӣ номид.

Зербоби сеюми боби дуюми рисола **“Вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино”** ном дорад. Муаллиф дар ин зербоб тавассути фалсафаи табиати Арасту масъалаи вақтро бо осори Ибни Сино қиёсан баррасӣ менамояд. Дар қисмати аввали ин зербоб масъалаи вақт дар осори Арасту нишон дода шуда, ихтилофи ақидавии Арасту ва Афлотун дарҷ гардидааст. Қайд мегардад, ки маҳз тавассути таъсири осори Арасту фаҳмиши фалсафии вақт дар таълимоти Ибни Сино пайдо шудааст. Дар осори Сино мафҳуми “вақт” тавассути истилоҳи “замон” ишора шудааст. Тавре ишора шуд, диссертант дар ин

зербоб нахуст назару андешаҳои Арасту, Афлотун ва каму беш дигар мутафаккиронро дар хусуси дарки замон мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаҳои худро мебарорад ва баъдан ба баррасии назару андешаҳои Ибни Сино мепардозад. Ҳамчунин дар ин зербоб ақидаи Сино доир ба мутақаддимияти замон ва Худо низ мавриди назар қарор дода шуда, қайд мегардад, ки Худо аз замон ба зот пешӣ дорад, на бо муддат (с. 119).

Тамоми бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари илмӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори мутафаккирони давру замонҳои гуногун гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва таърихӣ омода намудааст.

Инчунин муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия аз методҳои илмӣ-фалсафии индуктивию дедуктивӣ, герменевтикию муқоисавӣ ва ғайра ба таври самаранок истифода намудааст.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг аст.

**Дар маҷмӯъ ба рисолаи илмии Калонзода Фаридун Иброҳимпур** баҳои мусбат дода, ҳамин нуқтаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогиҳо ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1. Диссертант аз номи диссертатсия сар карда, то охири он анқариб истилоҳоти “фазо” ва “вақт”-ро мавриди истифода қарор додааст. Дар ҳоле ки ин истилоҳотро дар фалсафаи классикии тоҷикӣ “макон” ва “замон” меноманд. Ҳатто худи диссертант дар саҳ. 20 диссертатсия менависад, ки мафҳуми фазо дар осори Арасту аслан вуҷуд надорад, ӯ танҳо мафҳуми

“макон”-ро медонад; дар баъзе ҳолатҳо истилоҳоти “макон” ва “замон” низ истифода гардидаанд.

2. Диссертант зербоби дуюми диссертатсияро асосан дар заминаи таҳқиқоти олимони синошиносе чун А.М. Баҳоваддинов, М. Диноршоев, М. Мутаххарӣ анҷом дода, бевосита ба сарчашмаҳои муътамад, хусусан асарҳои Ибни Сино мурочиат нанамудааст. Диссертант агар аввал ба худи Ибни Сино ва баъдан ба муҳаққиқони осори вай такя мекард сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид;

3. Диссертант масъалаҳои ҳаракат, замону маконро аз дидгоҳи Ибни Сино баррасӣ карда, аз асари С. Султонзода “Масъалаи материя ва атрибутҳои он дар фалсафаи Ибни Сино” (ба забони русӣ. – Душанбе, 2019. Аз саҳ. 149-218), ки як боби он пурра ба омӯзиши масъалаи хосиятҳои материя бахшида шудааст, ёде накардааст ва дурустию ноқисии андешаҳои ин муҳаққиқро ошкор нанамудааст;

4. Диссертант баъзан аз Ибни Сино оид ба ин ё он масъала, хусусан дар хусуси ҳаракат иқтибос болои иқтибос оварда, онҳоро таҳлили ҳаматарафа намекунад. Баъзан иқтибосҳо аз ҳад дурударозанд, ҳатто аз як саҳифа бештар. Масалан, дар саҳ. 60-61 диссертатсия аз “Китоб-ан-Наҷот” иқтибоси бештар аз як саҳифа оварда шуда, бе таҳлили илмӣ боз иқтибоси навбатӣ дода шудааст, ки ин тазри амал хоси илми муосир нест; дар саҳ. 63, 64, 65 ва ғайра вазъият чунин аст; илова бар ин дар баъзе ҳолат диссертант аз Ибни Сино иқтибос оварда, дар поварақ ва ё дар нохунак нишон намедиҳад, ҳатто на номи Ибни Сино ва на номи асари ӯро ёдрас намекунад, ки ин тарзи кор майл ба сирқат дорад (с. 69).

5. Диссертант дар диссертатсия дар бештари маврид истилоҳи “рисола”-ро истифода бурдааст, вале аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ ба ҷои мафҳуми “рисола” расман истифодаи истилоҳи байналмилалии “диссертатсия” роиҷ гардидааст;

6. Боби якуми диссертатсия бо ҳар ду зербобҳояш ва зербоби боби дуюм хулоса надоранд;

7. Диссертатсия хатогиҳои зиёди техникию имлоӣ дошта, таҳрирталаб аст.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, хусусияти тавсиявӣ доранд. Онҳо арзиши илмии рисоларо кам намекунанд ва диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Диссертатсия ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳо, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

**Мудири кафедраи забони франсавии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ,**
**раиси ҷамъияти дӯстии "Тоҷикистон-Фаронса"**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Султонзода С.А.**

Реквизитҳо:
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003
992 (37) 938148639,
sultonzoda83@mail.ru

**Имзои номзади илмҳои фалсафа,**
**дотсент С.А. Султонзодаро тасдиқ менамоям:**

**Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Д.**
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003